Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Масъалаи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар марҳилаи имрӯза яке аз проблемаҳои муҳими ҷомеа арзёбӣ мегардад. Зеро, ин масъала то кунун дар илми педагогикаи муосир ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, барномаҳо ва усулҳои кор бо кӯдакон асосан ба ташаккули маҳорату қобилиятҳои кӯдакон нигаронида шудааст, ки ин ҳолат хислати маҳдуди дидактикӣ дошта, инкишофи эҷодии онҳоро ба пуррагӣ инъикос намекунанд. Ин раванд ба таври стихиявӣ ва бенизом сурат мегирад.

Дар рӯзгори кунунӣ барои ҷомеа ва қонеъ намудани талаботи он кӯдаконеро ба камол расонидан зарур аст, ки фавқулода, яъне эҷодкорона андеша карданро дар ҳолатҳои гуногун доро бошанд. Ҳарчанд ин масъала дар шароити кунунӣ, то андозае роҳи ҳаллӣ худро ёфта бошад ҳам, вале баъзан омилҳо ва ҳолатҳое пайдо мегарданд, ки ба ин раванд монеаҳо эҷод мекунанд. Аксар вакт кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ маълумотро дар асоси усулҳои маъмулии анъанавии ҳалли вазифаҳо дар хотир нигоҳ ва такрор мекунанд. Ба кӯдакон пеш аз ҳама, заминаҳои эҷодгариро маъво кунонидан зарур аст, то ки ба эҷодкори шуғлу меҳру шавқ пайдо намоянд. Такрории якрангии амалҳо дар баъзан ҳолат хастагиро ба бор оварда, шавқу завқи омӯзиш ва равандҳои эҷодиро пахш мекунад. Аз ин лиҳоз, дар раванди таълиму тарбия аз методҳои инноватсионии педагогӣ истифода намудан самаранокии фаъолиятро таъмин мекунад. Озодии комили кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ бо сарварии педагог бо ҳидояти волидайн усули нави таълим ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, то онҳо аз тахайюл ва эҷоди

худ истифода намуда, раванди педагогиро тарҳи дигар бахшанд. Мафҳуми «эҷодкории кӯдакон» чунин мафҳумҳоро ба монанди: «дарки ашё», «тахайюл», «амали эҷодӣ» ва амсоли инҳоро дар бар мегирад, ки ба ҳам алоқаманд буда, моҳияти эҷодии онҳоро муайян мекунад.

Бояд қайд кард, ки муносибати ҷиддӣ ба кор, ҷустуҷӯи доимии илмӣ ба Пачаева М.П. имкон медиҳад, ки барои ҳалли масъалахои мураккаби консептуалӣ натиҷаҳои баланди илмӣ ба даст орад.

Инчунин, диссертант борҳо бо маърӯзаҳои илмӣ дар конфренсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва семенару мизҳои мудаввар иштирок намудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна кори бaанҷомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, муаллиф онро мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ таҳия намудааст.

Дисертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз рӯйи самт ва соҳаи фаъолият) тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогика ва мероси
ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон
ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа — Табаров Нурулло Сафаралиевич

Имзои Н.С. Табаровро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти
ҳуқуқӣ ва коргузории Донишкадаи
исломии Тоҷикистон ба номи
Имоми Аъзам-Абуҳанифа — Ҷомадов Х.

05.10.2023